**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст**

Низомии Ганҷавӣ аз маъруфтарин шоирони классикии тоҷик маҳсуб меёбад. Дар бораи фаъолияти эҷодии шоир корҳои зиёде таълиф ёфтаанд. Шеър аз лиҳози сурат, ки каломе аст мавзуну қофиядор ва аз лиҳози маънӣ каломе аст хаёлангез, маҳз офаридаҳои баландмазмуну баландхаёли Низомии Ганҷавӣ шомили ин ҳар ду таърифанд. Бинобар ин дар бораи маҳорату ҳунари шоирии ин шоири хидевсухан дар асоси ду достони машҳури ӯ таълиф намудани диссертатсияи алоҳида шоёни тақдир аст.

Диссертант бо такя ба навиштаҳои илмии назариявӣ ва бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муҳимми адабӣ рисолаи комили илмиро барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Дар кори пешниҳодшуда асосан масъалаҳое чун шинохти завқии шоир аз каломи бадеъ, ҳунари шоир дар офаридани достонҳо, маҳорати Низомӣ дар образофаринӣ, баррасии қиёсии қаҳрамонони достонҳои мавриди назар, забону услубу ҳусни баён дар ду достони шоир таҳлилу баррасӣ гардидастанд.

Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф ба тамоми пажӯҳишҳое, ки бевосита ё бавосита ба ин мавзуъ бахшида шуда буданд, софдилона ишора намуда, барҳақ таъкид мекунад, ки муроҷиат намудан ба ин паҳлуи камомӯхтаи достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”-и ин эҷодкори асил дар марҳалали ҳозираи адабиётшиносии тоҷик дорои аҳамияти вижа мебошад.

Таҳлили муҳтавои автореферат имкон медиҳад тасдиқ намоем, ки дар се боб ва зербобҳои марбути онҳо муаллифи диссертатсия муваффақ шудааст, ки ҷанбаҳои шаклии достонҳои ишқӣ-романтикии “Хамса”-и Низомиро омӯхта, маҳорати достонсароии ӯро таъйин карда тавонад.

Аз мутолиаи автореферат маълум мегардад, ки Соқиева П.З. аз маърифати адабӣ ва таҳқиқӣ ба хубӣ огаҳӣ дорад. Мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар автореферат нишон дода шудаанд, инъикоскунандаи муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мушоҳида мегардад, ки забони диссертатсия ҷиддан илмӣ буда, дар сатҳи мақбул қарор дорад.

Диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотии Соқиева Парвина Зафаровна аз ҳар нигоҳ таҳқиқи монографии комилан анҷомёфта буда, дар адабиётшиносӣ ва шеършиносии ватанӣ дастоварди ҷадид мебошад, ки бо ҷанбаҳои ҷамъбастӣ имтиёзи вижа дорад.

Дар баробари дастовардҳои бебаҳс ва зиёди имлӣ, дар автореферат, ба назари мо, бархе камбудиҳо дида мешаванд, ки рафъи онҳо боиси афзун гардидани сифати рисола хоҳад гардид:

1. Баъзе ҷанбаҳои маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои мавриди назар, аз қабили тасвирҳои равонӣ ва тасвирҳои рамзӣ аз доманаи таҳқиқ дур монадаанд.
2. Чун дар бораи ҷаҳонбиниву андешаҳои ахлоқиву инсонпарваронаи шоир корҳои алоҳидае таълиф ёфтаанд ва ҳамчунин вазифаи муаллиф таҳқиқи маҳорати шоирии Низомӣ будааст, бахшидани фасли севуми боби севум ба мавзуи “Инъикоси андешаҳои ахлоқии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва Лайлӣ ва Маҷнун” аз мақсад дур ба назар мерасад.
3. Ба назари мо, хуб мешуд, ки меъёрҳои таъйин кардани сабки шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои мавриди назар ҷудогона нишон дода мешуд.

Ҳаройина, бояд иқрор шуд, ки эродҳои фавқуззикр асосан тавсиявӣ буда, муаллиф онро дар корҳои ояндааш ба инобат мегирад.

Аз ин рӯ метавон хулоса кард, ки мундариҷаи автореферати Соқиева П.З. аз он гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсияи унвонҷӯ кори илмии пурра анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва ҷавобгӯи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 261 тасдиқ шудааст ва муаллифи он барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) сазовор мебошад.


**Директори Институти илмҳои гуманитарии**
**ба номи академик Б.Искандарови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илми филология** **Қаландариён Ҳоким Сафар**


**25.11.2022**


**Нишонӣ:**
**736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ,**
**ш.Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров 4.**
**Почтаи электронӣ: hokim_k@mail.ru**
**Телефон: (+992) 93 489 26 26**


**Имзои Қаландариён Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти илмҳои гуманитарии**
**ба номи академик Б.Искандарови АМИТ** **Едарбекова Н.**

ШУЪБАИ КАДРҲО